«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи байналмилалии забонҳои
хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода
д.и.ф., профессор Гулназарзода Ж.Б. ________
«_27_» ___05___ 2024

# ТАҚРИЗИ

**муассисаи тақриздиҳанда ба диссертатсия ва автореферати Мирзоев Эраҷ Музаффарович дар мавзуи «Воҳидҳои фразеологии феълии ифодакунандаи ҳаракат дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ)**

Диссертатсияи Мирзоев Эраҷ Музаффарович ба яке аз масъалаҳои умдаи забоншиносӣ, яъне фразеология марбут буда, дар он хусусиятҳои типологии воҳидҳои фразеологии ифодакунандаи мафҳуми ҳаракат дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ таҳқиқ гардидааст.

Мавзуъ ва мазмуни диссертатсия ба масъалаҳои мавриди таҳқиқ, ки дар шиносномаи ихтисоси илмӣ (6D021302- Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) ҷой доранд, комилан мувофиқат мекунанд.

Мубрамии мавзуи таҳқиқ, пеш аз ҳама, аз он иборат аст, ки забонҳои тоқикӣ ва англисӣ саршор аз анвои мухталифи воҳидҳои фразеологӣ буда, воҳидҳои фразеологии феълӣ дар низоми фразеологияи забонҳои таҳқиқшаванда ҷойгоҳи махсус доранд ва шеваю усули онҳо аз лиҳози маънову сохтор фарқ мекунанд. Дар баробари ин, дар низоми фразеологияи ҳар ду забон, воҳидҳои фразеологие мавҷуданд, ки ҷараёни ин ё он амалро ифода менамоянд ва фразеологизмҳои феълӣ аз зумраи онҳо ба шумор мераванд.

Навгонии илмии пажуҳиш дар он зоҳир мешавад, ки масъалаҳои таҳқиқи назариявӣ ва амалии воҳидҳои фразеологии феълии ифодакунандаи ҳаракат, хусусиятҳои корбурди онҳо, таснифи воҳидҳои фразеологӣ, истифодаи онҳо дар таркиби ҷумла арзёбӣ шуда,

мушаххасоти он муайян гардидааст. Кори таҳқиқотии мазкур дар забоншиносии муқоисавӣ таҷрибаи аввалин ба шумор рафта, дар он ҳамзамон, вижагиҳои фарқкунандаи воҳидҳои фразеологии феълии ифодакунандаи ҳаракат дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ва хусусиятҳои умумию шабоҳатноки онҳо ошкор карда шудаанд.

Дараҷаи эътимоднокии мавзуи таҳқиқ ба дақиқ будани маводи бойи назариявию амалии таҳлилу баррасишуда, бо нуктаҳои мушаххас, маводи гуногунҷанбаи таҳлилӣ дар мувофиқат бо сохтор, мақсаду вазифаҳои гузоштушудаи таҳқиқро нишон медиҳанд.

Аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ оид ба масъалаи воҳидҳои фразеологии феълии ифодакунандаи ҳаракат дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ, коркарди асосҳои илмии низоми воҳидҳои фразеологии феълӣ дар забонҳои гуногунсохтор, аз ҷумла, дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ иборат мебошад. Маводи диссертатсия дар таълифи китобҳои дарсӣ, барномаҳои таълимӣ, инчунин, таҳқиқотҳои минбаъда доир ба фразеология метавон истифода бурд.

Сохтори диссертатсия вобаста ба мақсаду моҳияти мавзуи таҳқиқ таҳрезӣ шуда, аз муқаддима, се боб хулоса, адабиёти истифодашуда ва замима иборат аст.

Дар муқаддимаи диссертатсия чун анъана муҳиммияти мавзуъ, дараҷаи таҳқиқи мавзуъ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ, навоварии таҳқиқ, аҳаммияти назариявӣ ва амалии диссертатсия, саҳми шахсии муҳақиқ, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшуда сохтор ва ҳаҷми рисола маълумот дода шудааст.

Боби якуми диссертатсия - **«Асосҳои назариявии омӯзиши воҳидҳои фразеологӣ»** унвон дошта, аз чор фасл иборат аст.

Дар фасли якум масъалаҳои таҳқиқи фразеология ҳамчун илми мустақил таҳлилу баррасӣ гардида, андешаҳои забоншиносон, аз қабили Ш. Балли, В.В. Виноградов, Н. Масъумӣ, Ҳ. Маҷидов, С.В. Хушенова,

Ю.А. Рубинчик, С.В. Гореликов, С.И. Ожегов, Н.Н. Амосова ва дигаронро роҷеъ ба мафҳуми “фразеология” дарҷ гардидаанд.

Фасли дуюми боби аввал ба таснифи воҳидҳои фразеологӣ бахшида шуда, дар он муаллиф дар асоси он таснифоте, ки то имрӯз аз ҷониби забоншисонон И. Смирнитский, В.А. Кунин, В.В. Виноградов, Е.Ф. Арсентева пешниҳод гардидааст, андешаҳои худро ба гурӯҳбандии воҳидҳои фразеологӣ асосноку илман баён мекунад.

Дар фасли сеюм нақши феълҳои таркибӣ дар ташаккули воҳидҳои фразеологии феълӣ ҳамчун як ҷузъи асосии ин анвои фразеологизмҳо истифода гардидани онҳо баррасӣ гардидааст. Дар ин фасл, инунин, тафовути феълҳои таркибии номӣ ва феълҳои таркибии номию феълӣ равшану возеҳ қайд гардидааст. Муаллиф, ҳамзамон, дар ин фасл қайд мекунад, ки ҷузъи феълӣ қисми асосии сохторӣ-семантикии фразеологизм мебошад, он дар сохтмони сохторӣ-маъноии ВФ феълии ҳар ду забон нақши муҳим мебозад. Хусусияти сохторӣ-грамматикии воҳидҳои фразеологии феълӣ бевосита ба аломатҳои категориалӣ-грамматикии феъл, яъне калимаҳои меҳварии дохили таркиби фразеологӣ вобаста аст [саҳ. 33].

Шарҳу тавзеҳи мафҳумҳои «консепт», «феъл», «ҳаракат» дар забоншиносӣ дар фасли чоруми боби якум ҷой дода шуда, муаллифи диссерататсия маънои луғавии ҳар яке аз вожаҳои ишорашударо муфассал баён месозад.

Боби якум бо хулосаҳои мушаххаси муаллиф ҷамъбаст гардида, ҳашт пунктро дар бар мегирад.

Боби дуюми диссертатсия **«Хусусиятҳои сохторию грамматикии воҳидҳои фразеологии феълии ифодакунандаи ҳаракат дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ»** номгузорӣ шуда, аз се фасл иборат аст.

Дар фасли якум хусусиятҳои сохторӣ ва анвои воҳидҳои фразеологӣ баррасӣ мешаванд. Муаллифи диссертатсяи аз лиҳози сохтор воҳидҳои фразеологиро ба содаву таркибӣ гурӯхбандӣ намудааст. Дар ин фасл,

инчунин, хусусиятҳои умумиву фарққунандаи идиомаҳо, ки як навъи воҳидҳои фразеологӣ ба шумор меравaнд, баррасӣ гардида, муаллиф чунин қайд мекунад: "Ҳарду забон ибораҳои зиёде доранд, ки маҷозҳо, истилоҳот ва рамзҳоро дар бар мегиранд. Дар ҳарду забон фразеологизмҳо барои ифодаи андеша ва эҳсосоти мураккаб истифода мешаванд, ки бо калимаҳои сода ифода карда намешаванд. Идиомаҳои ҳарду забон барои ҳамзабонон ва ҳам хориҷиёне, ки ин забонро меомӯзанд, душвор буда метавонад" (саҳ. 51).

Хусусиятҳои сохторию грамматикии воҳидҳои фразеологии феълҳои ифодакунандаи ҳаракат дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ дар фасли дуюми боби якум таҳлилу баррасӣ мешаванд.

Фасли дуюми боби дуюм «Аломатҳои китобати маъмул дар охири матн» ба корбурди аломатҳои китобатӣ бахшида шудааст. Ба андешаи муаллиф "Дар сохтори воҳидҳои фразеологии феълӣ, ки бар мабнои алоқаи тобеъ сохта шудаанд, нақши муодилнокии феъл муҳим буда, дар ташкили ин гуна воҳидҳои фразеологӣ феъл қодир аст дар алоқаи маъноӣ ва сохториву грамматикӣ бо вожаҳои дигар баромад кунад. Аз ин нуқтаи назар, ҷузъҳои созмондиҳандаи воҳидҳои фразеологии феълӣ сохторан шакл гирифта, ба сифати воҳидҳои комил ва устувор баромад мекунанд" (саҳ.62).

Дар фасли сеюм таҳлили муқоисавии таснифоти сохтори воҳидҳои фразеологии феълии ифодакунандаи ҳаракат дар забонҳои муқоисашаванда баррасӣ мешаванд. Яке аз вижагиҳои фарққунадаи воҳидҳои фразеологии феълии забонҳои таҳқиқшаванда он аст, ки дар фразеологизмҳои тоҷикӣ ҳамеша дар охири воҳидҳои фразеологии феълӣ меистад. Дар забони англисӣ феъл ҳамеша дар аввали воҳидҳои фразеологии феълӣ ҷой дорад. Яке аз фарқиятҳои асосӣ ин иштироки ҳиссаҳои нутқ дар созмони воҳидҳои фразеологии феълии забонҳои муқоисашаванда ба шумор меравад. Ин нуктаи назар низ аз ҷониби

диссертант пурра ҷонибдорӣ гарида, муаллиф дар асоси қолабҳои муайян мисолҳоро таҳлил намудааст.

Боби мазкур бо натиҷаву хулосаҳои мушаххаси муаллифи диссертатсия анҷом меёбад.

Боби сеюми диссертатсия - **«Хусусиятҳои луғавию-маъноии воҳидҳои фразеологии ифодакунандаи мафҳуми ҳаракат дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ»** унвон дошта, аз се фасл иборат аст.

Дар фасли якум воҳидҳои фразеологии ифодакунандаи феълӣ аз лиҳози маъно дастабандӣ мегарданд. Муаллиф ҳамаи воҳидҳои фразеологии феълии ифодакунандаи забонҳои муқоисашвандаро ба сенздаҳ гурӯҳи маъноӣ ҷудо намудааст.

Боби дуюм ба падидаи маҷозшавии воҳидҳои фразеологии феълии ифодакунандаи мафҳуми ҳаракат дар забонҳои муқоисашаванда бахшида шудааст. Дар ин фасл, муаллиф нахуст мафҳуми маҷозро шарҳу тавзеҳ дода, сипас, маҷозшавии ин анвои воҳидҳои фразеологиро баррасӣ намудааст.

Фасли сеюм ба мафҳуми ҳаракат дар таркиби воҳидҳои фразеологии феълӣ дар тасвири забонҳои олам бахшида шудааст. Дар ин фасл, ифодаи мафҳуми ҳаракат ва маъниҳои он дар таркиби воҳидҳои фразеологии феълӣ пурра таҳлилу баррасӣ шуда, муаллиф дар дастабандии онҳо аз фарҳангҳои фразеологӣ истифода намудааст, ки ин тарзи таҳлилу шеваи навишт хеле баланд аст.

Аз рӯйи мавзуи диссертатсия муаллиф 6 мақолаи илмӣ вобаста ба мавзуи диссертатсия дар маводи конференсияҳо ва маҷаллаҳои илмӣ ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ, аз ҷумла, 3 мақола дар маҷалаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидааст. Дар мақолаҳои ба нашр расонида натиҷаҳои асосӣ, хулосаи таҳқиқ ва тавсияҳои муаллиф инъикос ёфтаанд.

Дар баробари дастовардҳои назаррас, диссертатсия аз нуқсону камбудиҳо низ орӣ нест ва ба назари мо бартараф намудани онҳо дар фаъолияи ояндаи илмии муаллиф аз манфиат холӣ нахоҳад буд.

1. Муаллиф дар диссертатсия иктибосҳои зиёдеро ҷой додааст, агар назари танқидии худро баён менамуд, хуб мешуд;
2. Дар бисёр саҳифаҳои кор андешаҳои муаллиф такрор омадаанд (саҳ.73, 74, 75 ва ғ.);
3. Дар бархе аз саҳифаҳои диссертатсия (саҳ. 86, 96, 115 ва ғ.) сарчашмаҳои аслӣ нишон дода нашудаанд, ё ин ки муаллифи тарҷумаи ибораву ҷумлаҳо мушаххас нест;
4. Муодили англисӣ ва ё тоҷикии баъзе аз воҳидҳои фразеологӣ дар диссертатсия ҷой дода нашудааст, агар муаллиф онҳоро тарҷума мекард, арзиши илмии рисола боз баландтар мегардид;
5. Дар баъзе аз саҳифаҳои диссертатсия (45, 49, 55, 67, 89 ва ғ.) хатоҳои имлоӣ ва услубӣ ба чашм мерасанд.

Дар маҷмуъ, эродҳои ишорашуда арзиши назариявию амалӣ ва илмии диссертатсиро коста намегардонанд, балки дар равиши интихобнамудаи таҳқиқ бартарӣ мебахшанд.

Дар умум, диссертатсияи Мирзоев Эраҷ Музаффарович дар мавзуи «Воҳидҳои фразеологии феълии ифодакунандаи ҳаракат дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» ба талаботи бандҳои 31 ва 33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 қабул гардидааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300-Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) сазовор мебошад.

Тақризи муқарризи расмӣ тибқи муқаррароти мавҷуда, махсусан, бандҳои 71 ва 72, Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 қабул шудааст, таҳия ва пешниҳод шудааст.

Тақриз ба диссертатсия ва автореферати Мирзоев Эраҷ Музаффарович дар мавзуи «Воҳидҳои фразеологии феълии ифодакунандаи ҳаракат дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» дар ҷаласаи кафедраи забоншиносии муқоисавӣ ва назарияи тарҷумаи Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода муҳокима гардидааст.

Дар ҷаласа иштирок доштанд: 8 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: "тарафдор" -8 нафар, "зид" – нест, "бетараф" –нест.

«24» -уми майи 2024 Суратҷаласаи №10/3

Мудири кафедраи забоншиносии
муқоисавӣ ва назарияи
тарҷумаи Донишгоҳи байналмилалии забонҳои
хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода
номзади илмҳои филологӣ,
дотсент Соҳибназарова Ҳавасмоҳ Тиллоевна

**Ташхисгар:**
Доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси
Забоншиносӣ, дотсенти кафедраи забоншиносии
муқоисавӣ ва назарияи тарҷумаи
Донишгоҳи байналмилалии
забонҳои хориҷии Тоҷикистон
ба номи Сотим Улуғзода Маҳмудзода Миҷгонаи Абдулваҳоб

**Котиб:**
Доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси
Забоншиносӣ, муаллими калони кафедраи забоншиносии
муқоисавӣ ва назарияи тарҷумаи
Донишгоҳи байналмилалии
забонҳои хориҷии Тоҷикистон
ба номи Сотим Улуғзода Сафарзода Руҳангези Акбар

Имзоҳои Ҳ.Т. Соҳибназарова, М.А. Маҳмудзода ва Р.А. Сафарзодаро тасдиқ менамоям:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
ДБЗХТ ба номи С.Улуғзода Юсупова Бибиҷон Ғаниҷоновна

Суроға: 734019, г Душанбе,
ул. Муҳаммадиев 17/6
Суроғаи электронӣ: rectorat@ddzt.tj.
Тел: (+992 37) 2325003; (+992)882 89 1717

24.05.2024 с.